# ТАБРИКОТ!

Раёсати Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон 70-умин солгарди таъсиси факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро сидқан таҳният гуфта, бароятон саодати рӯзгор, тавфиқ дар ҷодаҳои илму ирфон ва ҳосили дастовардҳои шоёни таълимиву маърифатӣ, комгориву садоқати афзун бар андӯхтаҳои тафаккури башариро таманно менамояд.

Боиси ифтихор аст, ки имсол таҷлили 70 - солагии таъсиси факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо гиромидошти таърихи ҳумоюни 25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавъам афтодааст, ки воқеан ин амр фоли нек ва далели манзалати олии маърифатии ин боргоҳи илму ирфон ба шумор меравад.

Шоистаи таҳсин аст, ки саҳми факултети мазкур ҳамчун боргоҳи тарбиятгари ҳуқуқшиносон назаррас буда, тӯли 70 соли фаъолияти хеш тавонист, ки ба яке аз марказҳои бузургтарини таълиму тарбияи ҳуқуқшиносони бузурги кишвар ва хориҷи он табдил ёбад.

Дар давоми фаъолияти хеш факулетети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон на танҳо ҳамчун маркази омода намудани мутахассисони бахши ҳуқуқ ва риштаҳои мухталифи он амал кардааст, балки гурӯҳи нерӯманди олимону донишмандони номӣ парвардаи домони ин факултет тавонистаанд, ки бо ҳузури хеш симои ҳақиқии донишгоҳро дар қаламрави кишвар ва берун аз он муаррифӣ намоянд.

Боиси қаноатмандист, ки дар масири таърих хатмкардагони факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳ чун чеҳраҳои намоёни сиёсат ва илму маърифат бо ҳузури маънавии хеш мояи ифтихори кулли тоҷикону тоҷикистониён ҳастанд.

Мо мутмаинем, ки устодони заковатманд ва шогирдони бомаърифати ин даргоҳи муқаддас чун пештара дар тарбияи кадрҳои баландихтисоси риштаи ҳуқуқшиносӣ саҳми арзандаи хешро мегузоранд.

Раёсати Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат дар иҷрои ин рисолати бузург ба ҳар яки Шумо устодони гиромӣ бароръу комёбиҳо таманно намуда, бори дигар ҳайати профессорӣ-омӯзгориро бо ҷашни пурифтихори 70 – солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муборакбод менамояд!

Бо камоли эҳтиром,

Ректор Обидов Ф.С

# 70-умин

СОЛГАРДИ ТАЪСИСИ ФАКУЛТЕТИ
ҲУҚУҚШИНОСИИ ДОНИШГОҲИ
МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
МУБОРАК!